**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ) (тахсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод гардидааст.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Бозоров Хушбахт яке аз мавзуъҳои ҳалталаби педагогикаи муосир ба маҳсуб меёбад. Тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст, зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, бахусус, дар дарсҳои забони модарӣ барои муваффақ шудан ба ин сифатҳо фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад. Муаллиф яке аз тадбирҳои басо мухими низоми маорифи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим номбурдааст. Ӯ дуруст қайд намудааст, ки дар муносибати босалоҳият ба таълим дониш ҷузъи таркибии малака маҳсуб ёфта, барои санҷидан, муқоиса кардан (бо намуна) ваислоҳи ғалатҳо истифода мешавад. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона диққати асосӣ ба ҷиҳати амалии азхудкунии дониш, малака ва маҳорат равона шуда, мақсад омода кардани хонандагон ба ҳаёти мустақилона мебошад. Барои ин ба назар гирифтани донишҳои заминавии хонанда зарур аст.

Муаллиф сабаби ҳамчун мавзуи тадқиқотӣ интихоб гардидани масъалаҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар он дидааст, ки ҳоло дар раванди дарс дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорон ба кори мустақилонаи хонандагони хурдсол диққати нокифоя ҷудо менамоянд. Таҷрибаву мушоҳидаи фаъолияти ҳамарӯзаи омӯзгорон аз ҷониби муаллиф собит сохтааст, ки омӯзгорон барои иҷрои кори мустақилона вақти зарурӣ ҷудо намекунанд, ҳангоми иҷрои супоришҳо ниёзмандии хонандагонро ба назар намегиранд.

Дар ҳақиқат, илмҳои педагогика ва психология исбот намудааст, ки агар ба хонанда имконияти интихоб намудан дода шавад, шавқу ҳаваси ӯ

нисбат ба хондан, навиштан ва иҷрои фаъолияти дигари таълимӣ меафзояд, онҳо аз таҷрибаи бадастовардаашон руҳбаланд мегарданд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки барои самаранок гардонидани раванди азхудкунии малакаҳои хондану навиштан дар як рӯз на камтар аз ду соат лозим аст. Дар ин лаҳза барои азхудкунии малакаҳо (ҳангоми иҷрои кори мустақилона) вазифаҳои таълимӣ ва дастурдиҳӣ лозиманд, то ки хонанда мустақилона фаъолият намуда, зери роҳбарии омӯзгор супоришҳоро дилпурона иҷро намояд.

Ҳадафи андешаҳои фавқулзикр аз он иборат мебошанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Бозоров Хушбахт дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба рушди касбии омӯзгорон ва таълиму тарбияи насли наврас ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар таҳсилоти Тоҷикистон, махсусан дар шароити гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯйи кор омадаанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Аз ин нуқтаи назар, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасӣ қарордоштаро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва мувофиқ ба ниёзҳои таҳсилоти муосир арзёбӣ кунем.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ) (тахсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат мекунад: Банди 1. Назария ва методикаи омӯзиш. 1.1. Методологияи фанҳои мушаххас: робитаи мутақобилаи методҳои маърифати илмӣ ва таълимӣ; 1.2. Арзиш ва ҳадафҳои омӯзиш: ташаккули ҳавасмандии мусбати таълимот, ҷаҳонбинӣ ва манзараи илмии олам дар зери субъектҳои раванди таҳсилот. 1.3. Муҳтавои омӯзиш: арзёбии самаранокии барномаҳои омӯзишӣ. 1.4. Таъминоти методӣ ва технологияҳои омӯзиш, сифати омӯзиш: таъминоти методии кори мустақилона. Банди 2. Назария ва методикаи парвариши хонандагон ва ҷавонони донишҷӯ: коркарди назария ва методикаи таҳсилот ва парвариши беруназмактабӣ, роҳбарӣ ба эҷодкории мустақилона.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.***

Ҷоиз ба зикр аст, ки диссертатсияи муаллиф фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии вазифаҳо ва фарзияи илмии диссертатсия мебошанд. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Бозоров Хушбахт, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил гардида, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардаи ӯ дар амал тасдиқи худро пайдо кардаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот бо асосҳои назариявӣ, илмӣ ва воқеӣ тақвият ёфта, шубҳанок нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия:

– роҳҳои самараноки ташкили фаъолияти мустақилона ба хотири рушди зеҳн ва нутқ муайян ва дар амал татбиқи худро дарёфтаанд;

– усулҳои муосири ташаккули фаъолияти мустақилонаи талабагон ба хотири рушди зеҳн ва нутқи онҳо муайян гардиданд;

– талабот ва ҷанбаҳои педагогии малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шудааст;

– вазъи кунунии фаъолияти мустақилонаи омӯзишии дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи талабагон муайян карда шудааст;

– амсилаи фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқӣ таҳия гардидааст;

– шаклҳои инноватсионии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ коркард гардиданд.

*Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда:* технологияи ба кори мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ одат кунонидани талабагон; роҳҳои муайянсозии имкониятҳои ақлии талабагон; моҳияти омӯзандагӣ, ташакулдиҳандагӣ ва тарбиявии матнҳо ба талабагон; тарзҳои ташкили муколама, баҳсу мубоҳисаҳои гуногуни натиҷаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишии талабагон бо иштироки худи онҳо; нақши бозиҳои дидктикӣ дар иҷрои фаъолияти мустақилона; методикаи ибтикории фаъолияти мустақилона ҳамчун методикаи

рушддиҳандаи зеҳни хонанда; фаъолияти тарафайни омӯзгорон ва волидайн дар ташкили фаъолияти омӯзишии мустақилонаи талабагон;

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:***

Муаллифи рисола Бозоров Хушвақт дар диссертатсия адабиёти илмии соҳаи методика, педагогика ва психологияро мавриди таҳқиқ қарор дода, моҳияти онҳоро дар мустақилиятнокии хонандагон дар инкишофи нутқӣ ва зеҳнии онҳо дар раванди дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ зимни ба роҳ мондани корҳои таҷрибавию озмоишӣ асоснок кардааст.

Яке аз ҷиҳати арзишмандии таҳқиқоти диссертатсионии Бозоров Хушвақт дар он аст, ки ӯ дар рисола самаранок ба роҳ мондани ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълиму тарбия барои ноил гардидан ба дониш, маҳорат ва малакаи зарурӣ марбут ба тарбияи миллӣ, фарҳангӣ ва расидан ба мақсадҳои олии таълиму тарбия заминаи устувор мегузорад.

Муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар интишороти зиёди расонаҳои соҳавӣ, дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро ба таври равшан исбот месозад.

Муаллифи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқоти худ, ҳадафу вазифаҳо, предмет ва мантиқи таҳқиқотро дар асоси таҳлили манбаҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, методологияи илмӣ, истифодаи моҳиронаи методҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибаи шахсӣ таҳия ва баррасӣ намудааст, ки арзиши баланди илмӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои пажуҳиши илмии довталабро метавон чунин арзёбӣ кард:

- Дар раванди дарс набудани тадбирҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, додани донишҳои тайёр, набудани ҷустуҷӯи мустақилонаи донишҳо, дар хонандагон фориғболиро тарбия карда, сабаби асосии косташавии малакаи ҷустуҷӯӣ ва эҷодкории талабагон мегардад.
- Азбаркунии бешууронаи қоидаҳо бидуни маънидод ва шарҳи донишҳои азбарнамуда раванди таълими забони модариро душвор мегардонад.

- Омӯзгорон дар раванди дарсҳо аксар вакт масъулиятро бар души худ гирифта, ба кори мустақилонаи талабагон на ҳамеша аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.
- Дар раванди дарсҳо истифодаи методҳои гуногуни таълимӣ ва маводҳои дидактикӣ ба фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагон таъсири мусбӣ мерасонд.
- Дар раванди машғулиятҳои забони модарӣ маҳорат ва малакаи тафаккури эҷодӣ ва мустақилонаи таълимии талабагон рушд ёфта, вусъати шавқу рағбати забондонӣ, инкишофи нутқи бошуурона, фикр карда хондан, навиштан, гӯш кардану фаҳмидан ва фаҳмида изҳори афкору ақида кардани онҳо ташаккул меёбад.
- Ҳангоми иҷрои супориши фаъолияти мустақилонаи таълимӣ қобилияти зеҳнии талабагон ба ҳисоб гирифта мешавад.
- Барои мушаххас шудани мақсаду вазифаҳои раванди ташаккули малакаи фаъолияти мустақилона дар омӯзиши забони модарӣ оид ба мафҳуми сифатҳои маърифатӣ хонандагон бояд фаҳмиши амиқ дошта бошанд, чунки масъалаи донистани хусусиятҳо, маҳоратҳо ва синну соли хонандаи хурдсол дар назарияи педагогика ва психология яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад.
- Одат кунонидани талабагон барои иҷрои кори мустақилона.
- Самаранокии истифодаи технологияи таълими интерактивӣ дар фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ба бедории фикр, эҷодкорӣ,ҷустуҷӯӣ ва ташаккули рушди зеҳн ва нутқи талабагон боис мегардад.

Ҳамчунин, муаллиф дар натиҷаи кори анҷомдодаи худ якчанд вазифаҳои усулҳои интерактивии таълимотро манзур намудааст, ки ба ташаккул ва рушди фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагони хурдсол равона шудаанд:

а) ҳангоми истифодаи роҳу усулҳои интерактивӣ дар таълим, фаъолияти мустақилона ва кӯшишу ғайрати хонандагон меафзояд.

б) тафаккур мустақилона рушд карда, тавассути ҷустуҷӯ дар талабагон ҳисси масъулиятнокӣ ва худмуайянкунӣ инкишоф меёбад.

в) дар раванди таълим ба мустаҳкамшавии муносибатҳои байнишахсӣ ва фаъолияти мустақилонаи таълимӣ оварда мерасонад.

г) фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагон хурдсол яке аз вазифаҳои муҳими баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокии талабагони хурдсол дониста шавад.

Муаллиф Бозоров Хушвахт корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии худро дар Корҳои омӯзишиву таҳқиқотӣ ва таҷрибавию озмойишӣ аз моҳи сентябри

соли 2019 то моҳи майи соли 2022 дар Донишкадаи такмили ихитисоси омӯзгорони минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№1, 9, 53-и шаҳри Кӯлоб, №1, 2, Гимназияи давлатии “Ҳиммат”-и Муъминобод, №1, 2, 3-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин гузаронида шуд. Дар кори таҷрибавию озмойишӣ зиёда аз 740 нафар хонандагони хурдсоли синни аз 8 то 10-сола сафарбар карда шудаанд, гузаронида, натиҷаҳои онро дар семинарҳои илмию амалӣ ва методии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб, ҷаласаҳои кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими филиали мазкур ва дар конфронсҳои ҳамасолаи илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди муҳокима қарор додааст. Бо ин муҳаққиқ имкон ба даст овардааст, ки натиҷаҳоро на барои як минтақа, балки барои низоми такмили ихтисос дар қисми зиёди қаламрави кишвар муайян намояд.

Тасдиқи мазмуну мӯҳтавои рисола ва натиҷаҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб ба амал бароварда шудаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо*:**

*Аҳамияти назариявии таҳқиқот* дар такмили назарияи методика ифода ёфта, аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифии он аст:

- фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба болоравии сатҳи дониши хонандагон мусоидат намуда, ба зеҳн ва нутқи онҳо рушд бахшид;

- ташкили дурусти кори мустақилона маҳорати касбии омӯзгоронро рушд бахшида, дар самти дуруст аз худ намудани асосҳои дониш ба хонандагон ёрӣ расонд;

- ташкили дурусти кори мустақилона боиси болоравии сатҳи дониш ва маҳорату малакаи хонандагон гардид;

- роҳҳои хубтару беҳтар ташкил кардани кори мустақилона ҷустуҷӯ ва дарёфт карда шуд.

*Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар мулоҳизаҳои зерин ифода меёбад:*

- ҷанбаҳои педагогӣ ва методии ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми омӯзиши забони модарӣ муайян гардид;

- пайдарпайии роҳу пешниҳодҳои дар рисола истифодашуда ба болоравии сатҳи дониш мусоидат намуда, имконият дод, ки ҳангоми иҷрои кори мустақилона қобилияти зеҳнию нутқии хонандагон рушд ёфта, дониши назариявии андӯхтаашонро дар амалия татбиқ кунанд;

- истифодаи намудҳои гуногуни фаъолияти мустақилона имконият дод, ки дар хонандагон қобилияти мустақилона фикр кардан, интихоб намудан, малакаю маҳорати ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилот рушд ёбад;

- тавассути фаъолияти мустақилона омилҳои рушди қобилияти зеҳнию нутқии хонандагон муайян карда шуданд;

- оид ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маълумоти зарурӣ ба даст оварда шуд;

- маълумоти бадастомада оид ба фаъолияти мустақилона ба хотири рушди қобилияти зеҳнию нутқии хонандагон минбаъд истифода мешавад;

- натиҷаҳои бадастомада дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии минтақаи Кӯлоб роҳандозӣ шудааст;

- истифодаи маҷмуи усулҳои ҳамкорӣ (интерактивӣ)-и ба мавзуъ ва масъалаҳои пажуҳиш дахлдор дар фаъолияти мустақилонаи хонандагони шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Муъминобод ва Шамсиддин Шоҳин татбиқ шудааст;

- истифодаи такрории натиҷаҳо дар кори таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ, исботи фарзияи пажӯҳиш, иштироки шахсии муаллифи рисола дар кори таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ, ҳамчунин, таҳлили хушсифати маълумоти бадастомада оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон таъмин гардидааст;

- тавсия ва дастурҳои методӣ оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод гардиданд.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:***

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсияи Бозоров Х. дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ баррасӣ шудаанд.

Чорабиниҳои мазкур дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Душанбе баргузор шуда, натиҷаҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд, дар дар интишороти муаллиф, монографияҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методӣ, мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (22 адад), маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ дар нашрияҳои шомили Пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru (ҳамагӣ 44 адад) инъикос ёфта, ба табъ расидаанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:***

Диссертатсия ва автореферати Бозоров Хушвахт ба тартиби таҳия ва талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия ба таври мухтасар мазмуни диссертатсияро ифода карда, доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқро пайдо мекунад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, асоснокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса, муқаррароти таҳқиқоти озмоишӣ ва тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалу диаграммаҳо таъмин шудааст.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмои тоҷикӣ, тибқи муқаррароти Дастурамал, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, пайдарҳамии мантиқӣ ва мутасилии он ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Масъалаҳои баррасишаванда ба таври равшану возеҳ оид ба ҳар як боби диссертатсия дар алоҳидагӣ ва диссертатсия дар умум хулоса карда шудааст.

**Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд ва дастовардҳои илмию амалие, ки дар боло қайд шуданд, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо холӣ нест.

Фикр мекунем, қайд кардани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия мадад хоҳад расонд:

1. Муаллиф дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба салоҳиятҳои асосие, ки барои рушди касбии омӯзгорон заруранд ва аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ин салоҳиятҳо ҳамчун салоҳиятҳои калидӣ қабул шудаанд, кам аҳамият додааст. Ба ин солоҳиятҳо: маҳорати омӯзиш, коммуникативӣ, тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ ва эҷодкорӣ мансуб буда, дар раванди ба роҳ мондани ҳама гуна омӯзишҳо зарур мебошанд.
2. Бисёр хуб мешуд, муаллиф дар баробари масъалаҳои баррасишуда, роҷеъ ба рушди салоҳиятҳои асосии омӯзгорон маълумоти бештар медод ва фарқияту вижагиҳои ҳар яке аз онҳоро ба таври муфассал шарҳ медод, ки аз анҷоми ин амал муҳтавои диссертатсия боз ғанитару мукаммалтар мешуд.
3. Дар диссертатсия хуб мешуд, ки муаллиф бештар аз таҳлилу андешаҳои тадқиқотҳои мутахассисони ватанӣ андешаю хулосаҳои шахсии худро пешниҳод мекард ва инчунин дар рӯйхати адабиёт номи муаллифони ватанӣ, ки дар ҳамин масъала таҳқиқ бурдаанд, хеле кам ба назар мерасанд.
4. Хуб мешуд, ки дар рисола аз таҷрибаҳои пешқадами омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои тҳсилоти миёнаи умумӣ бештар намунаю мисолҳо оварда мешуданд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии мавзуъро бештар тасдиқ мекарданд.
5. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд аст, ки ислоҳи онҳо сифати корро хубтар мекунад.

Бо баробари ин қайд кардан ҷоиз аст, ки ин камбудиҳо ва норасогиҳо арзиши баланди илмии диссертатсияро коста намекунанд.

## ХУЛОСА

Довталаб ба мақсадҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ба пуррагӣ ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст. Диссертатсияи Бозоров Х. кори ба итмомрасидаи илмӣ - таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Диссертатсияи Бозоров Х. дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ) (тахсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ) (тахсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ,** доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров” Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович

10. 12. 2024с.

**Маълумот барои тамос:**
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1;, тел.992927717870
почтаи электронӣ: sharofzod1954@mail.ru

***Имзои Шаропов Шавкатҷон Аҳмадовичро тасдиқ менамоям.***

Сардори РК ва КМ – и МДТ “Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров” Ҳусейнова З.С